آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

**1 ноябри соли 2023 Чоршанбе**

**№ 87 (14994)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# РАФТИ ЛОИҲАҲО ДАР СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ВА ҲОЛАТИ ОМОДАГӢ БА МАВСИМИ ТИРАМОҲУ ЗИМИСТОН МАВРИДИ БАРРАСӢ ҚАРОР ГИРИФТ

**Президент Шавкат Мирзиёев 31 октябр оид ба баррасии лоиҳаҳо, ки дар гидроэнергетика татбиқ мегарданд, инчунин вазифаҳои тайёр кардани низоми энергетикӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон ҷамъомад баргузор намуд.**

Неругоҳҳои барқии обӣ воситаи самарабахштарини ба эътидол овардани тавозуни ҳаррӯзаи энергия мебошанд. Арзиши энергияи электр, ки аз неругоҳҳои барқии обӣ гирфта шудаанд, нисбат ба дигар манбаъҳо хеле арзонтар аст. Аз ин рӯ ба рушди ин самт эътибори калон дода мешавад.

Аз рӯйи ҳисобҳои аввал иқтидори гидроэнергетикии кишвари мо 8 ҳазор мегаваттро ташкил медиҳад. Аммо ҳоло ҳамагӣ 2,2 ҳазор мегаватт истифода мешавад. Аз ҳисоби ҷалби сармояи хориҷӣ ва сектори хусусӣ ба соҳа то соли 2030 ба нақша гирифта шудааст, ки иқтидори умумӣ то 6 ҳазор мегаватт расонда шавад.

Барои ин шароитҳои ҳуқуқию иқтисодӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, барои соҳибкороне, ки мехоҳанд неругоҳҳои барқии обии хурду микро ташкил кунанд, иҷораи бистсолаи замин, инчунин низоми кафолатноки хариди неруи барқи истеҳсолкардаи онҳо аз ҷониби давлат ҷорӣ карда шудааст.

Дар ҷамъомад вазъи кунунии лоиҳаҳо дар соҳа баррасӣ шуд.

Таъкид гардид, ки соли ҷорӣ бунёд намудани 20 неругоҳи хурду микро, дар соли 2024 – 38 адад ба нақша гирифта шудааст, аммо татбиқи баъзе лоиҳаҳо аз ҷадвал қафо мондааст. Ҳокимони вилоятҳо дар бораи дар рӯзҳои наздик ба кор даровардани 20 неругоҳи барои соли ҷорӣ ба нақша гирифташуда маълумот доданд.

Ба ғайр аз ин, ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекгидроэнерго» нақша дорад, ки 7 неругоҳи бузурги барқии обиро бо иқтидори 197 мегаватт ба истифода диҳад. Масалан дар дарёҳои Норин каскадҳо сохта, иқтидорро ба 230 мегаватт баровара, истеҳсоли қувваи барқро, ки барои эҳтиёҷи 450 ҳазор сокинони шаҳри Намангон кифоят мекунад, ба роҳ андохтан мумкин аст.

Соли оянда иқтидори неругоҳҳои барқии офтобӣ ва бодӣ ба 3,5 ҳазор мегаватт мерасад. Аз сабаби он ки онҳо асосан рӯзона неруи барқ истеҳсол мекунанд, талабот ба иқтидорҳои танзимкунанда дар низоми энергетикӣ меафзояд. Аз ин рӯ, сарвари давлат зарурати таҳия намудани барномаи панҷсолаи сохтмони неругоҳи иқтидораш 6 ҳазор мегаваттро бидуни интизори соли 2030 таъкид кард. Зарурати ҷалби ширкатҳои энергетикӣ дар асоси шарикии хусусӣ ба лоиҳаҳо қайд гардид.

Тавре ки маълум аст масъалаҳои омодагӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон дар маркази эътибори доимии Президент қарор дорад. Дар ҷамъомад рафти омодагии низоми энергетикӣ баррасӣ шуд.

Дар тӯли 5 соли охир барои навсозии шабакаҳо ва трансформаторҳо беш аз 4 триллион сӯм ҷудо карда шуд. Соли ҷорӣ барномаи васеъмиқёси навсозии инфрасохтори энергетикии Тошканд оғоз ёфт.

Ба ғайр аз ин, дар ҳар як минтақа барои беталаф гузарондани мавсим камаш 10 миллиард сӯм захира карда шудааст. Ба ин маблағҳо дар ҳолатҳои садама трансформаторҳо, сим ва дигар қисмҳои эҳтиётӣ иваз карда мешаванд.

Умуман дар минтақаҳо 33 ҳазор трансформатор ва 122 ҳазор километр шабакаҳои барқ фарсуда шудаанд. Ин гуна ҳодисаҳо махсусан дар вилоятҳои Тошканд, Намангон ва Сирдарё бисёранд. Дар зарфи 9 моҳи соли ҷорӣ 12 фоизи ҳаҷми умумии қувваи барқи истеҳсолшуда талаф дода шудааст.

Ба ин муносибат таъкид шуд, ки бояд барои соле 1-2 фоиз коҳиш додани талафоти неруи барқ трансформаторҳо ва шабакаҳои фарсудашуда нав карда шаванд.

Таъкид гардид, ки беш аз 100 ҳазор истеъмолкунандагони яклухт ва 648 ҳазор хонаводаи нав ба низоми автоматиконидашудаи ҳисоб ва назорати неруи барқ пайваст нашудаанд. Барои барҳам додани ин камбудиҳо супоришоти дахлдор дода шуданд.

Қайд гардид, ки дар баъзе минтақаҳо таъмири дегхонаҳо ва шабакаҳои гармидиҳӣ кашол меёбад. Ҳолати омодагии муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон ғайриқаноатбахш мебошад. Нақшаи нав кардани дегхонаҳои хароҷоти энергияашон баланд дар муассисаҳои тиббӣ 62 фоиз, дар боғчаҳои бачагона 54 фоиз ва дар мактабҳо 40 фоиз иҷро гардид.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки тамоми қувваю воситаҳоро ҷиҳати тезондани корҳои таъмиру азнавсозӣ сафарбар намоянд.

Ба масъалаи бо ангишт таъмин намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ ва муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ дар давраи тирамоҳу зимистон низ дахл карда шуд. Ба ин муносибат аҳамияти фароҳам овардани захираҳои иловагӣ ва ҷалби сектори хусусӣ қайд гардид.

Барои пешгирӣ кардани бо нархи баланд ғайриқонунӣ фурӯхтан ва дуздидани ангишт, ки барои эҳтиёҷоти аҳолӣ дода мешаванд, дастури қатъӣ дода шуд.

**ЎзА.**

# ДОИР БА ВАЗЪИЯТЕ, КИ ДАР ШАРҚИ НАЗДИК АВҶ МЕГИРАД

***Президент Шавкат Мирзиёев 31 октябр дар аввали ҷамъомад оид ба баррасии лоиҳаҳо дар соҳаи гидроэнергетика ва вазифаҳои омодагии низоми энергетикӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон махсусан ба масъалае эътибор дод, ки тамоми ҷаҳонро ба ташвишу изтироби ҷиддӣ меоварад.***

Чи хеле, ки маълум аст даргириҳои мусаллаҳона байни армияи Исроил ва ҷунбиши «Хамас» бӯҳрони башардӯстонаро шадидтар карда, боиси талафоти зиёди мардуми осоишта ва бегуноҳ мегардад.

Кӯдакон ва занон ҳалок мегарданд, одамон бесарпаноҳ мемонанд, маҷбуранд, ки хонаҳои худро тарк намоянд.

Мо самимона тасаллият ва ҳамдардии худро ба тамоми хонаводаҳои қурбониёни ҷониби Фаластин ва Исроил баён мекунем.

Ман қарор намудам, ки ба агентии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба Шарқи Наздик 1 миллиону 500 ҳазор доллар барои расондани кумаки ҳамаҷониба ба сокинони сектори Ғазо фиристам.

Мо бо халқи Фаластин якдил буданамонро изҳор менамоем ва ҳуқуқи онро барои барпо намудани давлати мустақили худ мувофиқи резолютсияҳои аз ин пеш қабулшудаи Ассамблеяи генералӣ ва Шӯрои амнияти СММ тарафдорӣ мекунем.

Боварӣ дорам, ки авҷгирии минбаъдаи зӯроварӣ боиси ба таври васеъ ноустувор шудани вазъияти байналхалқӣ, ҷалби қувваҳои нав ба муқовимати мусаллаҳона мегардад.

Ҳамаи ин метавонад боиси оқибатҳои пешгӯиашон душвор, фоҷиавие гардад, ки аз доираи минтақаи Шарқи Наздик дуртар мебароянд.

Бинобар ин мо ҳар ду тарафро ба мусолиҳаи таъхирнопазири башардӯстона ва бас кардани амалиёти ҷангӣ, бо роҳи осоишта яктарафа кардани низоъ даъват менамоем.

Тавре ки маълум аст, минтақаи Осиёи Марказии мо таҷрибаи беназири ҳамзистии осоиштаи намояндагони миллату мазҳабҳои гуногунро дорад. Дар тӯли асрҳо дар ин ҷо мусулмонон, насрониён ва яҳудиён паҳлӯ ба паҳлӯ истода, дар фазои дӯстӣ ва ҳамоҳангӣ зиндагӣ мекарданд.

Бо истифода аз фурсат, мехостам ба ҳамватанон, бахусус ҷавонон, муроҷиат кунам, ки ба иғвоҳои мухталиф дода нашаванд ва ба амалҳои ғайриқонунӣ даст назананд.

Мо бояд зиндагии осудаву ороми худ, фазои ваҳдату ҳамдигарфаҳмие, ки дар кишвари мо ҳукмфармост, ҳифз кунем, ки бузургтарин неру ва сарвати бебаҳои мост», - гуфт сарвари давлатамон.

**ЎзА.**

# ПРЕЗИДЕНТИ ФАРОНСА БО САФАРИ РАСМӢ БА ЎЗБЕКИСТОН ТАШРИФ МЕОРАД

***Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 1-2 ноябр Президенти Ҷумҳурии Фаронса Эммануэл Макрон бо боздиди расмӣ ба кишвари мо ташриф меорад.***

Мувофиқи барномаи сафар дар шаҳри Самарқанд музокироти сатҳи баланд баргузор мегардад, ки дар рафти он масъалаҳои рушди минбаъдаи муносибатҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Фаронса баррасӣ хоҳанд шуд.

Масъалаҳои густариши ҳамкориҳои амалӣ дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, инноватсионӣ, сармоягузорӣ ва фарҳангиву башардӯстӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор хоҳанд гирифт.

Роҳбарони Ўзбекистон ва Фаронса ҳамчунин дар кори анҷумани муштараки тиҷоратӣ бо иштироки ширкатҳо ва институтҳои бонкиву молиявии ду кишвар иштирок мекунанд.

Дар ҷамъбасти нишаст қабули як қатор созишномаҳои байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, инчунин бастаи созишномаҳои тиҷоративу сармоягузорӣ дар назар аст.

**ЎзА.**

***Пас аз сафари Президент...***

# ИСЛОҲОТЕ, КИ БОБАТИ БЕШ АЗ ПЕШ ПУРЗЎР КАРДАНИ НИЗОМИ МАҲАЛЛА АНДЕШИДА ШУДААНД, НАТИҶАҲОИ АВВАЛИН МЕДИҲАНД

***Дар ҳар коре, ки барои беҳтар кардани ҳаёти аҳолӣ ва ободонии маҳаллаҳо амалӣ мегарданд, бо халқ машварат карда мешавад. Ин ҳуввияти хоси халқи мост. Ба ин амал бештар эътибор додан бошад, хурсандиовар аст.***

Солҳои охир идораи низоми маҳалла зина ба зина инкишоф меёбад. Алҳол ба маҳалла иқтидор ва имкониятҳои иловагӣ дода мешаванд. Ба ин низом ҳам ваколат ва ҳам масъулият пешбарӣ мегардад. Мо натиҷаи онро дар мисоли яке аз маҳаллаҳои калони шаҳри Қаршӣ ҷамоати шаҳрвандони Ойдин мушоҳида мекунем.

Роҳбари давлат ҳангоми ташрифаш ба вилояти Қашқадарё, ки 24 октябр содир шуд, аз ин маҳалла низ боздид ба амал овард. Президент дар мулоқот, пеш аз ҳама, ба тарзи ҳаёти аҳолӣ, ободонии ҳудуд ва тайёрӣ ба мавсими тирамоҳу зимистон таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Ба чораёни кор дар ин соҳаҳо эътибори алоҳида дод.

Алҳол дар маҳалла низоми «ҳафтгона» ташаккул меёбад, ки онҳо ҷараёни корро дар маҳалла мунтазам назорат мекунанд. Барои ҳамин ҳам Президент дар маҳаллаи Ойдин аввал бо ин гурӯҳ ҳамсуҳбат шуд.

Мо баъди сафари Президент бо онҳо суҳбат кардем, аз нақшаҳои пешбинишудаашон пурсон шудем.

– Мо дар низоми иборат аз раиси маҳалла, ёвари ҳоким, фаъоли занону духтарон, пешоҳанги ҷавонон ва инспектори профилактика кор кардем, – мегӯяд раиси маҳаллаи Ойдин Нодира Ҳакимова. – Дар ин низом низ ба натиҷаҳои матлуб муваффақ гардидем, вале имрӯз ба сафи мо ҳамроҳ шудани ходими андоз ва корманди хидмати иҷтимоӣ кори хуб гардид. Минбаъд ба рӯйхат ворид намудани аҳолии муҳтоҷ, кумакҳои моддӣ, ҷудо карданисубсидия ва вом барин беш аз ҳафтод масъаларо худамон ҳаллу фасл мекунем. Оё тасаввур мекунед, ки Президент ба маҳалла чӣ қадар ваколат додааст. Бисёр масъалаҳо ба идораҳои ноҳия ва вилоят нарафта, дар худи маҳалла ҳал мешаванд. Ба коргузории мусоиди электронӣ мегузарем. «Онлайн маҳалла», «Занону духтарон», «Сомонаи ҷавонон» барин се платформаи мо бо ҳам қаробат карда, дар низоми ягона муттаҳид мегарданд. Ваколати раисони маҳалла васеътар шуд. Ҳар як чорабиние, ки амалӣ мегардад, барои кори ҳамҷиҳати мо хидмат мекунад. Ҳангоми мулоқот бо Президент дар бораи фикрҳо, ки аз диламон гузашт, суҳбат намудем.

Воқеан, дар ҷараёни мувофиқсозии кори «ҳафтгона» ваколати раиси маҳалла афзуд. Ин чӣ маънӣ дорад? Минбаъд раиси маҳалла барои рағбатнок кардан ё худ ҷазои интизомӣ додан ба ёвари ҳоким, пешоҳанги ҷавонон, фаъоли занону духтарон, инспектори профилактикӣ, ходими андоз ва корманди иҷтимоӣ метавонад тақдимнома пешниҳод кунад. Шубҳае нест, ки ба амал татбиқ сохтани ин ташаббус ба беш аз пеш мустаҳкам шудани кори маҳалла мусоидат хоҳад кард.

Пештар барои кори хуби «панҷгона»-и маҳалла душвориҳо ба назар мерасиданд. Ғайр аз ин, баъзан ҳолатҳои бидуни мақсад истифода бурдани маблағҳои барои кумакҳои иҷтимоӣ ҷудошуда мушоҳида мегардиданд.

– Дар маҳаллаи мо 2 ҳазору 646 хоҷагӣ ҳаст, дар онҳо тақрибан 11 ҳазор нафар истиқомат мекунанд, – мегӯяд корманди иҷтимоии маҳалла Азиз Маманов. – Миқдори оилаҳо ба 2 ҳазору 782 адад мерасад. Дар ҳудуд ду муассисаи таълими томактабӣ ва як мактаби таълими ҳамагонӣ амал мекунанд. Мо ба ин маҳалла ҳамчун ходими андоз ва корманди иҷтимоӣ ҳамроҳ шудем. Аз рӯзи аввали кор ҳудудро омӯхтем. Ба зиммаамон чӣ гуна вазифа гузошта шудааст, хуб дарк менамоем. Дар ин бобат аз роҳбари давлат низ супоришҳои зарурӣ гирифтем. Ҳоло хуб медонам, ки вазифаи ман барои хидмати иҷтимоӣ расонидан ба пирони танҳо, ногироҳо ва дигар муҳтоҷон аз чӣ иборат аст.

Маркази нави маҳалла – бинои маъмурии он, гузар, шабакаҳои хидматрасонӣ, дуконҳои савдо, сартарошхона, китобхона ва хонаҳои солимгардонӣ дар хидмати аҳолӣ мебошанд.

Дар маҳалла бекорон тақрибан нестанд. Зиёда аз сад нафар аҳолии бекор ба корҳои доимӣ ва мавсимӣ банд карда шудаанд. Боз ҳамин қадар аҳолӣ дар мономарказҳои «Ишга марҳамат» ва дигар муассисаҳои ғайридавлатии таълим касб меомӯзанд. 191 нафари онҳо бо шуғли хусусӣ фаъолият доранд.

Дар ҳудуд дар мавсими тирамоҳ беш аз шаш ҳазор ниҳоли дарахтони мевадеҳ ва манзаравӣ нишонда шуданд. Кӯчаҳо асфалтпӯш ва чароғон гардиданд. Пайроҳаи пиёдаҳо ташкил карда шуд. Барои тайёрӣ ба тирамоҳу зимистон дар хонаҳои бисёрошёна тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардиданд.

Хулоса, ин мавзеъ метавонад барои даҳҳо маҳаллаҳои Қашқадарё намуна бошад.

**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

*Қаламрави Боғчорбоғи ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё ба вилояти Сурхондарё ҳамҳудуд мебошад. Ин мавзеъ, ки дар иҳотаи кӯҳҳои баланд воқеъ аст, бо чашмасорҳои хушоб, ҳавои мусаффо ва табиати нотакрор аз дигар ҳудудҳо ҷудо шуда меистад.*

*Хусусан себҳои серобу хуштамъе, ки дар ин ҷо парвариш карда мешаванд, дар тамоми дунё машҳур. Ҳоло боғбонҳои боғчорбоғӣ мавсими себчиниро паси сар мекунанд. Соҳибкороне, ки ба савдои маҳсулоти боғдорӣ машғуланд, бо боғбонҳо гуфтушунид мекунанд.*



***Дар сурат:** боғҳои сермеваи Боғчорбоғ.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ. (ЎзА).***

# «ИҚТИДОРИ САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН МОРО МОТУ МАБҲУТ КАРД»,

## *– мегӯянд гурӯҳи журналистони хориҷӣ*

***Дар ҳошияи иҷлосияи 25-уми Ассамблеяи генералии Созмони ҷаҳонии туризми СММ, ки дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, як гурӯҳи 24 нафарии журналистони хориҷӣ барои саёҳат ба шаҳрҳои Бухоро ва Хева рафтанд. Онҳо саёҳати худро аз боздиди мақбараи Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд шурӯъ карданд, ки дар 12 километр дуртар аз шаҳри Бухоро воқеъ гаштааст.***

– Ман аз тариқи шабакаҳои интернетӣ хондаам, ки шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро ва Хева таърихи дуру дароз доранд ва ҳамчун марказҳои адабу фарҳанг, илму фан ном баровардаанд. Барои ҳамин солҳои дароз орзуи ба ин шаҳрҳо омадан ва боздид аз зиёратгоҳҳову қадамҷойҳои онро дар дил мепарваридам. Танҳо баргузории иҷлосияи 25-уми Ассамблеяи генералии СҶТ мусоидат намуд, ки ин орзуям ҷомаи амал пӯшад, – гуфт бо хушҳолии том мухбири хабаргузории «Ал-Явм ас-Сабиъ»-и Миср хонум Рубоб Фатҳӣ.

Ба гуфтаи ӯ тамошои сурату наворҳои ёдгориҳои таърихиву меъморӣ ва фарҳангии шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва Хева дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд вомехӯранд, аммо бо чашмони сар дидани он куллан нақҳати дигар доштааст. Рубоб Фатҳӣ мегӯяд, дар Миср медонанд, ки мақбараи Хоҷа Баҳоуддини Нақшбанд Маккаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад ва мӯъминони зиёд аз кишварҳои гуногун маҳз ба ин ҷо меоянд.

Дар идома саёҳати журналистони хориҷӣ ба самти Ситораи Моҳи Хоса давом кард, ки он низ барои сайёҳони зиёд қобили таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

– Дар байни мардуми мо мақоли «Шунидан кай бувад монанди дидан» хеле маъруф аст. Дар ҷараёни ин сафар эътимод ҳосил намудам, ки дар шаҳрҳои бостонии шумо зиёратгоҳҳо хеле зиёданд. Баъди тамошои мақбараи Баҳоуддини Нақшбанд ва Ситораи Моҳи Хоса ин эътимодам боз ҳам қавитар гардид. Қасри бошукӯҳ ва ботароват, ки дар гузаштаи начандон дур бӯстонсарои амирони Бухоро будааст, бо санъати ороишӣ ва амалии худ низ диққати ҳамаи моро ба худ ҷалб намуд. Мусаввараҳои девори биноҳои алоҳидаи он басо ҷолиб, бо зебоиҳояшон чашмҳоро мерабуданд, – гуфт хабарнигори нашрияи «The Gulf Observer»-и Покистон Муҳаммад Алӣ Пошо.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# «ИҚТИДОРИ САЙЁҲИИ ЎЗБЕКИСТОН МОРО МОТУ МАБҲУТ КАРД»,

**– мегўянд гурўҳи журналистони хориҷӣ**



(Аввалаш дар саҳ.1).

Корманди рўзномаи «Бакинский рабочий»-и Озарбойҷон Роман Темников иброз дошт, ки кайҳо боз дидану тамошои мақбараи Исмоили Сомониро орзу мекард. Ҳоло чунин имкон фароҳам омадааст, ки аз ин ёдгории барои таърихи мардуми Бухоро хеле муҳим дидан намояд.

– Банда ба Бухорои бостонӣ бори аввал омадаам. Ин шаҳр мисли Самарқандшаҳр зебову дилрабо будааст. Ҳамаи ёдгориҳои таърихиву меъмории он як давраи таърихиро бозтоб медиҳанд. Аз ҷумла, мақбараи сулолаи Сомониён, ки дар ибтидои қарнҳои IX ва X-и милодӣ, дар замони шоҳии Исмоили Сомонӣ (892-907) сохта шудааст, яке аз қадимтарин ёдгориҳои меъмории Осиёи Марказӣ буда, аҳамияти ҷаҳониро касб менамояд, – изҳор намуд Роман Темников.

Роҳбаладi гурўҳ Зебунисо Ниёзова ба меҳмонон тавзеҳ дод, ки айни замон мақбараи Исмоили Сомонӣ ягона бинои боқимондаи замони Сомониён дар ҳудуди вилояти Бухоро муаррифӣ мешавад. Он инчунин яке аз аввалин иншооти бақодору зиндамондаи қадимӣ низ мебошад, ки комилан аз хишти пухта сохта шудааст.

– Мақбара соли 1993 ба феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил шудааст. Ин яке аз мавзеъҳои асосии сайёҳии Бухоро маҳсуб меёбад, зеро аксарияти одамони ба тамошои боғи истроҳатомада як сари қадам ба ин мақбара қадам ранҷа месозанд,– афзуд ў.

Боздид аз тоқи Саррофон, тоқи Телпакфурўшон ва тоқи Заргарон низ ба журналистон таассуроти хуб боқӣ гузошт. Саёҳат ба маҷмўи «Чор Бакр» аз тарафи журналистон хеле қобили таваҷҷуҳ арзёбӣ гардид.

Онҳо аз он ифтихор намуданд, ки дар Ўзбекистон ба аркони ислом ва ёдгориҳои таърихиву меъмории он таваҷҷуҳи беназир зоҳир мегардад. Ҳар як ёдгорӣ дар ҳифзу ҳимояи ҳукумат қарор дорад ва хеле хуб нигоҳубин мешавад.

– Дар як кишвари дур аз Африқо ва Ховари Миёна, ки кишвари мо он ҷо воқеъ гаштааст, мебинем, ки ба алломаҳои дини ислом, аз қабили Абубакри Саъд, Абубакр Аҳмад ибни Хоҷа Саъди Яманӣ, Абубакри Фазл, Абубакр Муҳаммад ибни Фазл бин Ҷаъфари Бухории аъробитабор ин қадар таваҷҷуҳи бузург зоҳир карда мешавад. Зиёрати қабри ҳар кадоми онҳо ва фиристодани дуову фотиҳа дар ҳаққашон барои мо низ муяссар гашт, ки боиси ифтихор аст. Дарҳақиқат, Ўзбекистон ба рушди туризм аҳамияти хосаро қоил мешудааст. Чунин бархурд барои ҷалби ҳар чи бештари сайёҳони хориҷӣ хеле мусоидат хоҳад кард,– гуфт бо шавқи том хабарнигори хабаргузории «MENA»-и Миср хонум Шўҳрат Ориф.

– Аксари номгузории ёдгориҳои таърихиву меъморӣ форсӣ мебошанд. Мадрасаи «Чор манор» – як муассисаи таълимии исломӣ, маҷмааи Пои Калон – як ансамбли меъмории иборат аз Манораи Калон, Масҷиди Калон ва Мадрасаи Мири Араб, маҷмааи Лаби Ҳавз, ки яке аз хиёбонҳои марказии шаҳри Бухоро аст ва дар атрофи он мадрасаҳои Кўкалдош ва Девонбегӣ воқеъ гаштаанд, аз ҳамин зумра мебошанд, – мегўяд хабарнигори тоҷикистонӣ аз «Авеста.тҷ» Ҷаннатхон Қурбонова.

Сайру саёҳат ба шаҳри бостонии Хева низ дар журналистон таассуроти амиқ боқӣ гузошт. Аммо танҳо як рўз онҳо дар ихтиёр доштанд, ки Ичан Қалъаро боздид кунанд ва дар он сайр намоянд. Вақте диданд, ки зиёда аз 250 хонаи қадимӣ ва тақрибан панҷоҳ иншооти гуногуни таърихӣ боқӣ мондаанд, хеле ба тааҷҷуб омаданд. Шаҳр бо ёдгориҳои пурарзиши худ соли 1990 ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил шудааст ва ҳамаи ин ёдгориҳо бо ҳамон ҷилои худ намудор мешуданд.

– Ин ҷо аксари ёдгориҳои беназири он ҷанбаи исломӣ низ доштаанд ва хеле хуб нигаҳдорӣ шудаанд. Атрофи Ичан Қалъа саросар бо девори баланд иҳота шудааст, шояд барои ҳамин онро «шаҳри дарунӣ» ҳам меномидаанд. Барои мо дидану зиёрати мақбараи олиму шоир Паҳлавон Маҳмуд хеле писанд омад. Маълум, ки вай ба забони форсӣ эҷод кардааст ва баъдтар ба забонҳои дигар тарҷума шудаанд,– изҳор намуд корманди шабакаи телевизиони давлатии Уммон Исмоил Масъуд ал-Ҳарсӣ.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*ТОШКАНД – САМАРҚАНД – БУХОРО – ХЕВА – ТОШКАНД.*

*Гулҳои як гулистон*

***Риштаҳои меҳру оқибат байни тоҷикон ва ўзбекон аз қадим мустаҳкам буданд, дарахти азамати дўстӣ амиқ реша давонда, баланд қад афрохта ва ба чаҳор сў шоха паҳн карда буд. Вале дар гузаштаи наздик ба рафоқат ва муносибатҳои наздики ҳамсоягон гўё чашми бад расид – девбод вазиду бародархалқҳоро ба ду ҷониб афканд. Ҳарчанд мегуфтанд дўстӣ масофа интихоб намекунад, сарҳад байни ду мамлакат имкон надода монд ёрон дидори ҳам бинанд: дарҳо баста шуданд, пайвандон дар ду ҷониб монданд.***

# ЗАБОН ГУНОГУН, ВАЛЕ НИЯТУ МАҚСАДҲО – ЯГОНА

Хушбахтона, ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев, ба маънои пурра, дарак аз оғози дигаргуниҳои бузург дар Ўзбекистон буду нармшавии муносибат ба кишварҳои ҳамсоя. Аз ҷумла, некҳамсоягӣ миёни тоҷикону ўзбекон, рафоқат ва ҳусни тафоҳум дар асоси эҳтирому боварӣ ба якдигар аз нав барқарор гашт.

Ман дар даврае раис интихоб шудам, ки мо аллакай дар Ўзбекистони Нав зиндагӣ доштем ва бинобар сиёсати одилонаи роҳбари давлат ба ҷо оварда шудани ҳурмату эҳтироми кулли миллат ва халқиятҳое, ки дар ин сарзамин ҳаёт ба сар мебаранд, дар қатори халқҳои дигар тоҷикон низ имкони озода нафас кашидан, орзуву омоли суннатӣ ва арзишҳои фарҳангиашонро амалӣ гардондан пайдо карданд. Вале корҳое, ки бояд иҷро карда шаванд, хеле бисёр буданд.

Вазифа водор месохт бори гарони масъулияти дар зимма доштаамро ҳис кунам. Худро ва дигаронро бовар кунонам, ки аз ўҳдаи кор мебароям,боварии умумро сазовор мегардам. Албатта, танҳо як нафар наметавонад корҳоро ба дараҷае, ки лозим аст, пеш барад. Вақте ҳис кардам, ки масъулони шуъбаҳои ҳудудӣ ба дастгирии мо омодаанд, дилгармтар шудам. Боз аз он мамнун будам, ки вақтҳои охир дар як қатор шуъбаҳои донишгоҳҳои давлатии Тирмиз, Фарғона, Бухоро, Самарқанд ва Чирчиқ машғулот бо забони тоҷикӣ ҷоннок ва сафи донишҷўён торафт зиёд мегардад. Барои такмили китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ва баланд бардоштани савияи дарсҳо аз адабиёт, баробари ҳамин беҳтарсозии сифати кулли китобҳои дарсӣ ва дастуруламалҳо барои мактабҳои тоҷикӣ алъон шароитҳо фароҳаманд. Фақат барои он ки китобҳои дарсӣ мувофиқи талаби замон навишта шаванд, баробари таълифот тарҷума низ хушсифат ва ба асл наздик бошад, ҳаракат кардан, ба мутахассисони соҳа аз наздик кумак расондан лозим асту халос. Барои он ки китобҳо сари вақт чоп шаванд ва ба ҷойҳои лозимӣ рафта расанд, маркази мо ба иҷрои ҳар гуна супоришу ёрдам омода аст. Дар бештар аз 200 мактаби тоҷикӣ ва чанд мактаби омехтаи тоҷикиву ўзбекӣ зиёда аз 69 ҳазор нафар хонандагон бо забони модариашон таълим мегиранд.

Суханвари ўзбек Абдулло Орифов гуфтааст:

*Ёру бародар аз азал*
*ўзбеку тоҷик,*
*Чун шоҳбайти як ғазал*
*ўзбеку тоҷик.*

Дар дунё ду миллатеро дарёфтан гумон, ки мисли тоҷикон ва ўзбекон ба якдигар ин қадар наздик ва арзишҳои маънавию мардумии умумӣ дошта бошанд. Баробари ин адабиёту маънавият, таърихи пуршаъни ин ду халқ низ ба маъное умумист.

Мувофиқи маълумоти статистикӣ ҳоло дар ҷумҳурӣ бештар аз 1,6 миллион нафар тоҷикон зиндагӣ мекунанд. Онҳо дар қатори халқу миллатҳои дигар, ки Ўзбекистонро хонаи умумии худ мешуморанд,тарҳи зиндагии озоду обод кашида, дар мустаҳкамсозии пояҳои иқтисодии кишвар саҳми худро мегузоранд, ҳуқуқу ўҳдадориҳои худро дониста, аз имтиёзҳое, ки давлат дар масоили миллӣ ва дигар масъалаҳо фароҳам овардааст, истифода мекунанд.

Дар маҳаллаи тоҷикнишин ба дунё омада ва тоҷикдухтар бошам ҳам қисмате аз дугонаҳои наздикам мансуб ба миллатҳои гуногунанд. Дар факултаи забон ва адабиёти руси Институти давлатии педагогии Сирдарё таҳсил намудаам. Асное донишҷў будам, аз рўи ихтисосам маро ба Маскав фиристоданд, то малака такмил диҳам. Баъди ду соли таҳсил дар Маскав ва бозгашт ба диёр маро котиби аввали кумитаи комсомоли ноҳияи Пахтакори вилояти Ҷиззах таъин карданд. Сонитар ба Мирзочўл фиристоданд.

Барои таҳсил дар аспирантура озмун эълон шуд, ман ғолиб омадам, бо шарофати таҳсил дар Маскав доираи тафаккурам васеъ гашт. Наздик чиҳил сол дар вилояти Ҷиззах дар вазифаҳои гуногун фаъолият бурда бошам, дигарбора идрок кардам, намояндагони миллату халқиятҳои гуногун дар ин сарзамин ба якдигар мисле додару бародаранд. Баъде чун раиси марказ ба фаъолият пардохтам, боз як бори дигар ба воқеан дар якдиливу муттаҳидӣ будани иқтидорамон боварӣ ҳосил намудам. Президент беҳуда намегўяд, бойигарии асосии мамлакатамон – халқҳои гуногунмиллати Ўзбекистон. Тоҷикон дар ин оилаи бузург ҷойгоҳи алоҳида доранд. Зимнан, роҳбари давлати мо дар масъалаи дўстиву рафоқати шаҳрвандони минтақа низ андешаҳои солим доранд. Мегўянд, панҷ халқи минтақа – ўзбекон, тоҷикон, қазоқҳо, қирғизҳо ва туркманҳо бояд панҷ панҷаи як даст бошанд. Аз 70 лоиҳае, ки он кас дар ин бобат ва доир ба масъалаи ҷоннокгардонии фаъолияти гуногунҷабҳаи ИДМ пешниҳод карданд, аксарият қабул гашт. Дар доираи байналхалқӣ бештар эътироф шуданд. Дар ҷаласае, ки бо иштироки сарони давлатҳои аъзои ИДМ рўйи кор омад (Бишкек, октябри соли 2023), ба роҳбари давлати мо мукофоти олии созмон – Нишони фахрии ИДМ барои саҳми барҷаста дар таҳкими муносибатҳои дўстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкории гуногунҷанба супорида шуд. Мукофот, гуфтан мумкин, дар баробари ўзбекон ва тоҷикон ба ҳамаи халқҳои минтақа рўҳбаландӣ бахшид.

«Дўстӣ» калимаест бисёр хушгувор. Ин суханро ба забон гирифта ва дўстии миллатҳои гуногуни диёрамонро ба худ тасаввур сохта, хушҳолие дар худ ҳис мекунам. Бинои барҳавои Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва равобит бо мамолики хориҷиро «Кохи муҳташами дўстӣ» низ мешуморанд. Хидмати хоксоронаам бо ордени «Дўстлик» ва нишони сарисинагии «Халқлар дўстлиги» қадр карда шуд. Оре, халқҳои мо дар ин сарзамин хурсандиашонро ҳамеша ба ҳам дида ва дар рўзҳои нохуб ҳамеша якдигарро дилбардорӣ карда омадаанд.

Дар саъйи онем корҳои фарҳангиву маънавиро дар навбати аввал мазмуну муҳтавои тоза бахшем, ба чоп омодасозии китобҳои бадеии тоҷикӣ аз силсилаи «Нақҳати сухан»-ро давом диҳем, бо фаъолонамон дар маҳалҳо робитаро боз ҳам мустаҳкам сохта, таҳти ҳамкорӣ намоиши китобҳои тоҷикӣ, намоиши либос ва таомҳои миллиамонро муташаккилонатар гузаронем, дар чорабиниҳои гуногун бо суруду рақсҳои миллиамон дили иштирокдоронро ба ваҷд орем, бо садоқату меҳр нисбати арзишҳои милливу маънавии хеш воқеан тоҷик будани худро нишон диҳем.

**Гуландом СУБҲОНОВА,**
**раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ўзбекистон.**

*Иқдоми нек – дар амал*

# ЗИНДАГИИ ХУШБАХТОНА ДАР МАКОНИ САБЗ

***Маълум аст, ки чанде пеш роҳбари давлати мо дар ҷамъомади видеоселекторӣ ғояи «Ўзбекистони Нав – дар макони сабз ҳамроҳ зиндагӣ кунем»-ро пешниҳод карда буд. Мардуми сарбаланди Самарқанд, ки дар маркази сайёҳии оламу тамаддуни Шарқ зиндагӣ мекунанд, ин ғояро якдилона дастгирӣ намуданд.***

Онҳо дар мавсими тирамоҳии ниҳолшинонӣ барои сабзидани беш аз 7 миллион бех ниҳолҳои гуногуни меванок ва манзаравӣ камари ҳиммат бастаанд. Имрўзҳо дар қариб ҳазор маҳаллаи вилоят ниҳолшинонӣ дар авҷ аст. Бинобар ҳамин дар доираи «Макони сабз» барпо кардани «боғҳои маҳалла» ва «боғҳои модарон» ба анъана табдил меёбад. Дар маҳаллаи Баҳодур Ялантуши шаҳри Самарқанд семинари намунавӣ ба вуқўъ пайваст, ки дар он вакилони ҳокимияти вилоят ва шаҳри Самарқанд ширкат намуданд.

Дар маҳаллаи Бахштеппаи ноҳияи Тайлоқ бошад, бо иштироки намояндагони тамоми ноҳияҳои вилоят чунин тадбир шуда гузашт.

– Аз мо маслиҳат мепурсанд, ки дар куҷо ниҳол шинонем? – иброз дошт профессори Донишгоҳи давлатии Самарқанд Хислатой Ҳайратова, – ва мо ба мардум мефаҳмонем, ки ин иқдоми некро дар асоси нақшаи идораҳои ободонӣ кардан лозим. Боз як масъалаи муҳим, пас аз ниҳолшинонӣ онро ҳимоя ва сабз кардан ҳам қарзу ҳам фарз аст. Баъзан чунин мешавад, ки баъди ниҳолшинонӣ бинокорон омада маҳз дар он ҷо бо бунёди иншооти гуногун машғул мешаванд.

Охир таҳиягар аввал лоиҳаи ба навор гирифтани филмҳои хешро менависад, баъд бо корҳои эҷодӣ машғул мешавад. Пас чаро мо низ чунин рафтор накунем?!

Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки дар кўчаҳои шаҳри Самарқанд дарахтони сояафкану манзаравӣ хеле бисёр буд. Вале собиқ роҳбарони кўтоҳандеш онҳоро решакан карда, барои сохтани иншооти гуногун иҷозат дода будаанд, ки тааҷҷубовар аст.

Боз як муаммо – шинондани ниҳолҳои гуногуни хориҷӣ. Онҳо гаронбаҳо буда, аксаран дар муҳиту табиати Самарқанд мувофиқат намекунанд. Аммо ин масъала аз ситобкорӣ ва сабуксарии баъзе роҳбарони мақомоти маҳаллӣ ва вилоятӣ сар мезанад.

– Шинондани ниҳол ва парвариши онро чун маҷбурият не, балки ҳамчун қадрият қабул кунем, кори савоб аст, – гуфт имом-хатиби масҷиди ҷомеи Хоҷа Аҳрори Валӣ Яъқубхон Мансуров, – ман дар амри маъруфи рўзи намози ҷумъа таъкид мекунам, ки ниҳолшинонӣ низ аъмоли нек асту шахси хайрхоҳу савобталаб ҷаннатӣ хоҳад шуд. Таърих гувоҳ аст, ки падару модарони мо бунёдгузорони боғу токзор буданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

***Дар Бухоро хонишҳои анъанавии XII байналмилалии Ибни Сино – анҷумани илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Абўалӣ ибни Сино ва тамаддун» ба амал омад.***

# ДОНИШҲОИ АНЪАНАВИИ АБЎАЛӢ ИБНИ СИНО

Меҳмонон ба зодгоҳи олими қомусӣ ташриф оварда, ба пояи ҳайкали вай гулчанбар гузоштанд ва бо осорхонаи ў шинос шуданд. Бояд таъкид намуд, ки дар музейи Афшона дастнависҳои тиббии Шайхурраис мавҷуд аст. Мегўянд, ки дар китобхонаҳои Ҳиндустон доир ба мероси Ибни Сино 25 ҳазор китоб ва 17 ҳазор нусха маҷалла нигоҳ дошта мешавад. Аён аст, ки Бўалӣ оид ба илмҳои гуногун беш аз 450 асари илмӣ таълиф намудааст, вале то замони мо фақат 242-тои онҳо расидааст.

– Ҳоло ҳангоме ки мероси гаронбаҳои Абўалӣ ибни Сино баҳри некӣ, баҳри ҳифзи саломатии мардуми олам хидмати арзанда дорад, пас вай фарзанди фарзонаи бани одам, олими хеле бузург аст, – гуфт роҳбари Бунёди байналмилалии илмию амалии илму фарҳанги Эрон ба номи Абўалӣ ибни Сино профессор Ғиёсиддин Таҳомуҳаммадӣ ҳангоми мулоқот бо паёмнигорон. – Онҳое, ки ширкати ин анҷумани дар ҳар ду сол дар Бухоро баргузоршавандаро орзу мекунанд, хеле зиёданд. Мо шодем, ки зодгоҳи эшонро зиёрат кардем. Ҳама медонанд, ки Ибни Сино дар шароити асрҳои миёна фарҳанги халқҳои Осиёи Марказиро ба сатҳи маданияти пешқадамтарини олам боло бардошта, бо номи «Авитсенна» машҳури олам гардидааст.

Дар доираи хонишҳо байни як қатор донишгоҳҳои хориҷӣ меморандумҳои ҳамкорӣ таҳия ёфт. Ин тадбири муҳими байналмилалӣ имконият дод, ки баҳри дақиқтар омўхтани мероси пурарзиши олими ҳамадон имкониятҳои нави ҳамкорӣ арзи вуҷуд кунад.

Дар ҷараёни тадбир баробари шунидани маърўзаҳои шавқовар доир ба ҳаёт ва эҷодиёти Сино ба олимоне, ки баҳри омўзиш ва барқароркунии мероси пурарзиши ў саҳми муносиб гузоштаанд, мукофоти фахрии «Абўалӣ ибни Сино» инъом гардид. Инчунин ба як гурўҳ олимон, аз ҷумла ба намояндагони Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро рутбаи «доктори фахрӣ» ва медали тиллоӣ супорида шуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### ҲАРБИЁНИ МО ДАР ҶОЙИ АВВАЛ

***Баробари варзишгарон ҳарбиён низ ба спорт машғул шудаву дар мусобиқаҳои дараҷаҳои гуногун иштирок менамоянд.***
***Ҷамоаи Вазорати дифоъ дар мусобиқаи байналхалқии илмӣ-ҳарбӣ, ки дар Куриёи Ҷанубӣ баргузор гашт, ширкат варзид ва ба комёбии калон ноил гашт.***

Дар сабқат асосан ҷамоаҳои яккачин аз кишварҳои мутараққии ҷаҳон қувва санҷиданд. Онҳо ба сифати қувваҳои ба ҳам мухолиф дар машғулоти амалие, ки дар ҳудуди шаҳрҳо ва минтақаҳои наздикўҳӣ рўйи кор омаданд, маҳорат нишон доданд.

Ҷамоаи Вазорати мудофиа бо нишон додани ҷасорат, иштиёқ ба пирўзӣ, омодагии баланддараҷаи касбӣ ва муттаҳидии таркиби шахсӣ ба ғалаба даст ёфт. Аз 12 ҷанг ҳарбиёни ўзбекистонӣ ба 10 ғалаба муваффақ шуда, ҷойи аввалро гирифтанд. Ҷойи дувумро ҷамоаҳои ИМА ва Куриёи Ҷанубӣ ба ҳам диданд.

Пешвоз гирифтани ҳарбиёнамон дар аэропорти байналхалқии Тошканд мутантан сурат гирифт.

### АВИАРЕЙСҲОИ БЕВОСИТА АЗ ГУРҶИСТОН БА САМАРҚАНД

***Байни вазири нақлиёти Ўзбекистон Илҳом Маҳкамов ва ҷонишини Сарвазир, вазири иқтисодиёт ва рушди барқарори Гурҷистон Леван Давиташвили доир ба масъалаҳои рушди робитаҳои нақлиётӣ-логистикӣ байни ду давлат гуфтушунид ба амал омад.***

Аз ҷумла, зиёд намудани авиапарвозҳо ва кушодани рейсҳои нав байни Ўзбекистон ва Гурҷистон мавриди муҳокима қарор гирифт. Таклифи ҷониби Гурҷистон оид ба ташкил намудани авиапарвозҳои бевосита аз Гурҷистон ба Самарқандро Илҳом Маҳкамов пазируфт. Л. Давиташвили гуфт, омода аст ба соҳибкорони Ўзбекистон, ки дар соҳилҳои Баҳри Сиёҳи Гурҷистон бандар ва терминалҳо барпо карданианд, кумаки амалӣ расонад.

### ЛИВОҲО ДАР НАЗДИ АЭРОПОРТИ ТОШКАНД

***Аз ҷониби ҳокимияти шаҳри Тошканд дар назди аэропорти байналхалқии Тошканд ливои муҳташаме қад афрохт, ки баландии пояаш 62 метр аст.***

Атрофи онро сутунҳои боз 38-то ливо печонд, ки баландии ҳар кадом 16 метр аст.

Онҳо вобаста ба чорабиниҳои милливу байналхалқӣ, ки дар пойтахт мегузаранд ё худ ташрифи намояндагии хориҷӣ дигаргун хоҳанд гашт.

### БАРОМАДҲО БО СЕ ЗАБОН

***Бобати боз ҳам мустаҳкамсозии риштаҳои меҳру оқибат байни шаҳрвандони Ўзбекистон ва Қирғизистон, ки дар ҳамсоягӣ умр ба сар мебаранд, чораҳо андешида мешаванд.***

Чи дар рўзҳои хуб ва чи нохуб аҳолии ба миллатҳои гуногун мансуб саъй мекунанд паҳлуи якдигар бошанд. Ба наздикӣ рўзҳои маданияти ноҳияҳои Сўх ва Риштон дар ноҳияи Боткенти Қирғизистон рўйи кор омад. Баромадҳо, рақсу сурудҳои тоҷикӣ, ўзбекӣ ва қирғизӣ ба ҳозирон писанд афтод.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# НАТИҶАИ РЕКОРДӢ АЗ ҲОСИЛИ ПИЁЗ



***Замини диёри мо зархез аст. Бемуҳобо, агар тухмӣ ба хок афтад, аз таъсири гармиву равшании офтоби оламоро ва намӣ ба сабзиш сар мекашад. Ва агар ба замин меҳр бандеду меҳнат кунед, аз кишт ҳосили дилхоҳ ба даст хоҳад омад.***

Бахтиёр Мирзоеви зоминӣ солҳои дароз ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия мерафт ва охиру оқибат ба кишоварзӣ руй овард. Ризқу рўзиро аз Ватани хеш дарёфт. Ба 2-3 гектар майдони замин пиёз ва ба ҳамин монанд сабзавоту зироат корид. Кишти такрорӣ гузаронд. Ин дафъа пиёз корид, обёрии усули қатрагиро ба роҳ монд, саривақт бо ғизо сер кард. Ҳосили зиёд дод пиёзи ў. Аз ҳар гектар 150 тонна ҳосил ба даст овард.

– Тухмии аз Ҳўлланд гирифтаамонро аз нав кор кардем, – мегўяд ў, – дар натиҷа тухмии аълосифат ҳосил шуд. Аз сўи дигар бо тарзи қатрагӣ обёрӣ кардан ва ба қадри кофӣ нуриҳои маҳалливу кимёвӣ пошидан хеле фоида расонд.

Масъулони хоҷагии қишлоқи ҳокимияти вилояти Ҷиззах ба фермер Бахтиёр Мирзоев барои аз пиёз ҳосили рекордӣ рўёниданаш мошини замонавӣ туҳфа кард.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ЭЪТИБОР БА БОНУВОН – ЭЪТИБОР БА ҶАМЪИЯТ

***Дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо ҳамкории Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсия таҳти мавзўи «Дар рўҳи арзишҳои миллӣ тарбия намудани донишҷўдухтарон» ҷамъомад баргузор гардид.***

Дар он раисони шўро оид ба масъалаҳои занону духтарони 150 муассисаи таълими олии мамлакат иштирок карданд.

– Иштирокдорони семинар доир ба имконият ва шароитҳое, ки дар мамлакатамон барои бонувон фароҳам оварда шудааст ва дастовардҳое, ки онҳо дар соҳаҳои гуногун мушарраф гардидаанд, ҳарф заданд, – гуфт раиси Шўрои машваратии занону духтарони Академияи байналхалқии ислом Наргис Шоалиева.

Дар семинар масъалаҳои ба роҳ мондани фаъолияти маҳфилҳои «Дар рўҳи арзишҳои миллӣ тарбия намудани донишҷўдухтарон», «Либоси миллӣ — оинаи миллат», «Дар байни бонувон ташкил намудани рўзҳои маслиҳати психологиву ҳуқуқӣ» ва ғайра баррасӣ гардид.

**(Мухбири худамон).**

*Барномаи «Макони сабз» – дар амал*

***Роҳбари давлатамон дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки 11-уми октябри соли равон баргузор гардид, ба масъалаҳои бунёди «Макони сабз» ва ташкили мавсими тирамоҳии ниҳолшинонӣ аҳамияти ҷиддӣ доданро таъкид намуд.***



# МО НИЗ КАМАРБАСТА

Чанде пеш Муроҷиатномаи фаъолони маҳалла, собиқадорон, зиёиён, занон ва духтарон, ҷавонони вилояти Самарқанд ба аҳли мардум эълон гардид. Дар он таъкид шудааст, ки мо, собиқадорони меҳнат дар ҳоли садоқат ба арзишҳои миллӣ, ба тарзи ҳамоҳанг ба анъанаҳои некамон чун шинондани ниҳол ва барпо кардани боғу гулгаштҳо бо роҳи ҳашар, сабзазор кардани атрофи хонаву макони зист ташаббус нишон дода, аз худ боғу роғ гузорем. Мо медонем, ки намунаи шахсӣ, панду насиҳат лозим. Мо дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» штаби махсус ташкил карда, аҳду паймон кардем, ки дар заминҳои бекор, соҳилҳои рӯду ҷӯйҳо беш аз 400 ҳазор бех ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва сояафкану манзаравӣ шинонем.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки ҷавонону собиқадорон ғояи олиҷаноби «Дар Ӯзбекистони Нав – макони сабз якҷоя хушбахтона зиндагӣ кунем!»-ро дастгирӣ карда, ба бунёди боғу гулгаштҳо камари ҳиммат бастаанд. Боиси хушнудист, ки бо роҳи ҳашар, аллакай, беш аз 120 ҳазор бех ниҳоли гуногун макони худро ёфтаанд.

**Равшан ИСРОИЛОВ,**
**собиқадори меҳнат,**
**аъзои Шӯрои «Нурониён»-и**
**ноҳияи Самарқанд.**

*Тақдимоти китоб*

# «САМАРҚАНДНОМА» БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

***Таҳти сарпарастии Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд асари илмию ахбории доктори фанҳои фарҳангӣ, профессори Донишгоҳи давлатии фарҳангии Самара (Русия) Владимир Ионесов ва додари ӯ – асосгузори клуби самарқандии байналхалқии «Эксперанто» Анатолий Ионесовҳо дар нашриёти «SMIASIA»-и Тошканд асари «Самарқанднома» ба забони англисӣ аз чоп баромад.***

Ба муносибати Рӯзи Самарқанд дар донишгоҳи мазкур тақдимоти китоб ба вуқӯъ пайваст. Дар чорабинӣ бостоншиносон, адибон, рассомон, донишҷӯёни факултаи таърихи мактабҳои олии вилояти Самарқанд, вакилони расонаҳои ахбор ва дигарон ширкат варзиданд.

Ректори донишгоҳ, муҳаррири китоб, доктори илмҳои педагогика Юсуф Абдулло иброз дошт, ки он нахустин бор ба забони русӣ соли 2014 дар шаҳри Самара нашр шудааст. Инак, дар шаҳри Тошканд низ чоп шуд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# САД ҶОНУ ДИЛ ФИДОИ МОДАР

Рӯ ба рӯйи модар нишастаам. Имрӯз вай меҳмони хонаи ман. Моҳе як-ду маротиба меояд. Инро дар хонавода ҳама медонанд. Бо дасторхону чою нони мо коре надорад. Баъди суҳбати кӯтоҳи муқаррарӣ ба назди ҷевони китобҳо меравад. Ин бор низ китобҳои мақбули хешро интихоб мекунаду баргашта ба ҷойи барояш муқарраршуда менишинад ва ба машғулияти дӯстдоштааш – мутолиа мепардозад.

Муқобилаш пеши компутер нишаста, дар чашм айнак сари китоби навбатӣ кор мекунам, аммо ӯ – модари 84-солаам бе айнак ба завқ китоб мехонад. Дурудароз, бо меҳри зиёд назорааш мекунам, вай аз мутолиа лаззат мебараду ман аз лаззати вай. Оҳиста, беилтифоту овоз пиёлаи чойро наздаш мегузорам. Мабодо, хаёлаш халалдор шавад. Номаълумакак аксашро ҳам мебардорам. Тамошои ин манзара чӣ зебо ва гуворост!

Хеле зиёданд касоне, ки бо вуҷуди вақти кофӣ барои мутолиа доштан, онро бештар бо фориғболӣ мегузаронанд.

Хушбахтона, модари ман аз ин тоифа нест. Вай китобҳои китобхонаамро бештар аз ман мутолиа кардааст. Меҳмони ғайриодию хонандаи хубест. Одати аҷибе дорад: таассуроти бардоштаашро бо дигарон ба ҳам мебинад, мухтасар нақл месозад, яъне таҳлил мекунад, ба муаллиф сипосу дуоҳо мефиристад. Баъзан фикрҳояшро бо қалам дар ҳошия ва варақҳои поёни китоб менависад.

Бо ин баҳона метавонам мавзӯю мазмуну мундариҷаи китобҳои нахондаамро аз вай бифаҳмам. Саволҳо медиҳаму вай бо иштиёқи зиёд посух медиҳад. Ин ҳам ба фоидаи ман аст, яъне хоҳишам ба хондани баъзе аз китобҳо меафзояд ва ё дар бораи баъзеи онҳо аллакай нахонда маълумот пайдо мекунам.

Ҳар бор сидқан мегӯям: бошӣ, илоҳо, модараки китобхону мабдаи илҳоми ҳамешагии ман!

Солҳост, ки дар бораи ин маъбудаи заминӣ, устоди беназирам, муттакои рӯзгорам, дӯсти беҳамтою дугонаи беҳтаринам (дар зиндагӣ чандон дугонаи бисёр надорам) мехоҳам чизе бинависам, зеро бобати касони зиёде – дӯсту ҳамкору устоду шахсиятҳои гуногунтоифа зиёд навиштаам... Ҳар боре, ки пайи ин иқдом азм мекунаму қалам ба даст мегирам, эҳсоси оҷизӣ, нотавонӣ, масъулияти бузурге вуҷудамро фаро мегирад, метарсам, ки сухани сазовортаринро дар ҳақаш пайдо карда натавонам... Ва боз қалам аз даст во мегузорам.

Ин рӯз, ҳамин лаҳза сӯяш дуруда-роз чашм дӯхтаму дар қаъри дилам туғёне рӯ зад, ҷасорате пайдо шуд ва қарор кардам, ки дигар ҷойи истихораву кашол додан нест ва корҳои дигарро сӯе гузошта, қаламу коғазро пеши худ кашидам.

Худоё, ақли равшану забони гӯёям деҳ, то битавонам суханони диламро рӯйи коғаз бирезам!

Фикр мекунам, ҳатто дар вожаномаи мукаммалтарини инсоният наметавон калимаеро муқаддастару муқаддамтар аз вожаи «модар» пайдо кард.

Хостаам ба решаю асли маънии ин калима бирасам. Вожаномаю сарчашмаҳои зиёдеро варақгардон кардаам. Ҳамин қадар дарёфтаам, ки маънии калимаи модар – зани фарзанддор, некӯ ва муътабар, соҳибахона будааст!

Агарчи ҳақиқат аст, ростӣ, аз ин шарҳҳо на он қадар қонеъ шудаам. Ба назари ман, «модар»-ро бояд бо калимае мукаммалу арзандатаре эзоҳ дод, то шаҳомату қудрати варо ифода карда бошад.

Модар!

Гӯё муаммое, фалсафаест, ки, ба назарам, то ҳол то ба охир тадқиқ накардаанд.

Фикру саволҳое дар зеҳнам мечарханд, мехоҳам шарҳу ҷавоби саҳеҳи онҳоро дарёбам.

Кист модар?

Чаро ба эҳтироми фарзанд се маротибаи аввал сазовортарин модар асту пасон падар?

Чаро модархудо мехонандаш?

Чаро Замин – модар мегӯянд?

Чаро биҳиштро зери қадамҳои модарон гузошта, меҳри саршор ва муҳаббати гарми ӯро бо файзу раҳмати Худованд баробар донистаанд.

Оё модар ягона доваре нест, ки тамоми хато ва гуноҳҳои фарзандро мебахшад?

Чаро вай фарзандонашро барои номадию камбудиҳояшон бештар дӯст медорад?

Чаро тамоми дороию ҳастияшро зарра-зарра, қатра-қатра барои фарзандҳояш, ҳатто барои ношуду безоритарини онҳо, ки ҳеч хубие дигар аз эшон наметавон чашм дошт, мебахшад.

Чаро «фарзанд, агарчи тӯдаи хокистар аст, сурмаи чашми падару модар аст»?!

Модар беҳтар аз адвокати варзида ва додситони пурқудрат аст, ки метавонад фарзандонашро аз ононе, ки меранҷонандашон ҳимоят кунад ва ё ҷазошон бидиҳад.

Ҳама метавонанд аз азизу аниси худ рӯ тобанд, аммо ӯ. Ҳаргиз! Чаро?

Чаро вай метавонад ҷойи ҳамаро бигирад, аммо нафаре наметавонад ҷойи варо иваз кунад?

Бино ба андӯхтаҳоям метавонам исрор кунам: модар нафарест, ки зиндагӣ меофарад.

Сарчашмаи ҳамаи муқаддасот аст ӯ.

Фариштатар аз зубдаи фариштагон аст. Оғозу анҷоми ҳама меҳру муҳаббатҳост.

Заҳмату бедорхобиҳои шабонарӯзӣ, муҳаббат ва сабру таҳаммули бемисли модар танҳо хоси ӯст, нафаре дигар онҳоро надорад. Муҳаббаташ яксон аст – ивазнашаванда. Аввали шаб бе кӯрпа хобат мебарад, саҳар бедор мешавию худро зери кӯрпа мебинӣ. Бо меҳр бедорат мекунад. Ғизо омода месозад. Либосат мешӯяду мепӯшонад. Ба мактаб гусел мекунад ва то аз назарҳо ниҳон шудан аз пасат чашм медӯзад, баргаштанатро бесаброна интизор мешавад ва...

Вай дӯстест садоқатманду беназир, ки на ҳасадат мебарад ва на ба ту бадиро раво мебинад, дӯстон низ метавонанд рӯзе ба душман табдил ёбанд, ҳама метавонанд ғайбатат кунанд, вале на модар!

Дастони муъҷизавии вай муддати кӯтоҳ дастони кӯдаконаамонро медоранд, аммо қалбаш як умр!

60-сола шудам.

60-сола! Беш аз ним аср!

Шукргузорам, ки дар ин муддат бахти модарӣ, саодати бибигӣ насибам гаштааст. Чи дар оила ва чи берун аз он ба меҳру навозиш ва маслиҳатҳои ман ниёз доранд, аммо то ҳол худро дар ҳузураш кӯдаки эркаю азиз, нозпарвард ва муҳтоҷи маслиҳатҳо меҳисобам.

Эҳсososоти аҷибе!

Хушбахтам, ки ӯро дорам.

Худоё! Ин бахтро то дер насибам гардон!

Модарам – парастор, аввалин мураббӣ, муаллим ва маслиҳатгари беминнати ман. Мехоҳад фарзандони хешро бе ҷурму мукаммал бинад ва бо ин мақсад аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мекунад. Аз ин лиҳоз, аз кӯдакӣ ба гӯшамон чун қӯрғошим мерехт, ки фақирнавоз бошем, зеро ҳамнишинӣ ва мурувват бо фақиру камдастаҳову бархурдорӣ аз самимияти эшон ба руҳи одамӣ сафо мебахшад.

Намедонам, ки кулли пандномаҳои башарият аз таҷрибаи модарон ғизо гирифтаанд ва ё модарон аввалин тарғибгарони андарзҳои мавҷудаанд?

Ба назари ман, модарам донишмандтарин ва хайрхоҳтарин зан аст, ки бо меҳру муҳаббати бемислу корбурди таҷрибаҳои ғании зиндагӣ мехоҳад дигаргун кунад, беҳтар созад. Вай омӯзгорест бидуни таълими олӣ ва ростӣ, сазовор аст ба ҳама гуна тоифаву дараҷаву мукофоту қадршиносиҳо.

**(Давомаш дар саҳ. 4).**

***Шаҳрбону аз шоираҳои соҳибистеъдоди даврони истиқлоли Ӯзбекистон аст.***
***Ӯ соли 1974 дар шаҳри Тошканд дар оилаи доктори фанҳои меъморӣ, олими соҳибсухан, муаллифи чандин осори илмиву бадеӣ, профессор Додо Нозилов таваллуд шудааст.***
***Соли 1996 факултаи филологияи ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм намуда, солиёни зиёд дар соҳаи матбуоти ҷумҳурӣ — рӯзномаву маҷаллаҳо ифои вазифа дошт.***
***То имрӯз маҷмуаҳои шеърии ӯ таҳти унвонҳои «Пайроҳаи шинос» , «Абадият дар лаҳза», «Рангинкамони эҳсос», «Диёри дарахтони сарсабз» ва «Сурудҳои шамол» чоп шудаанд.***
***Шаҳрбону узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон мебошад.***



***ШАҲРБОНУ***

## *ХОНАИ АЗИЗ*

*Ин хонаи падарам,*
*Модарам зияд ин ҷо.*
*Мекашад меҳри он дил,*
*Оварад ҷазби он по.*

*Бо як пуштора алам,*
*Бо як тубра ғамҳоям.*
*Аз нола гӯши фалак*
*Кар карда ин ҷо оям.*

*Дар ин хонаи дилкаш,*
*Дар ин коху ин сарой.*
*Навозад маро падар,*
*Модарам дам кунад чой.*

*Ин ҷо орому сокин,*
*Дар он ҳама ғам ночиз.*
*Ин хона мудом ин сон,*
*Ин хона умре азиз.*

*Дар ҳар ҳолу ҳар авзоъ,*
*Вай ба ҷаннат монанд аст.*
*Хонаи падарам он,*
*Дар ин ҷо модарам ҳаст...*

## *ҚОНУНИ ҲАЁТ*

*Гоҳ аз падар андешам,*
*Гоҳе зи модари ҷон.*
*Гаҳ ёдам банди фарзанд,*
*Чун шавам қисмат як сон?*

*Гиряд писар, гиряд дил,*
*Нолад ӯ, нолад ҷонам.*
*Ин қадар бераҳм ин умр,*
*Сӯзад ин қадар онам!*

*Падарам ҳоло бардам,*
*Бо кулли ранҷу дардаш.*
*Боре кай кардаам фикр,*
*Аз ӯву ранги зардаш?*

*Ҳоли модарам маълум,*
*Ӯро кӣ пурсад алъон?*
*Қалбам чу санги беҳис,*
*Чашмам аз ӯ гурезон.*

*Гӯям: – Нури зиндагӣ*
*Фарзандамро – гавҳарам...*
*Кай дарди модар пурсам?..*
*Кай ғами падар хурам?...*

## *ҚӮРҒОНИ СИНТОБ*

*Андар бари кӯҳҳои сар дар фалак аст,*
*Кӯчанд шамолҳош бехонаву хоб.*
*Дар рӯшании ҳазорҳо шамъи мунир,*
*Бо шир шабона шӯяд онро маҳтоб.*

*Бедор зиёда чашми муштоқ ин ҷо,*
*Аз қаъри ҳазор сол моро нигарон.*
*Сар мекашад аз равону ҷонам шеван,*
*Аз пайраҳа ҷуста нақши пойи падарон.*

*Ку чангу кучо шиҳаи аспон, акнун,*
*Дар кӯзаи духтарон нахандад хуршед.*
*Бекас ҳама кулбаҳои сангинаш низ,*
*Фарёд аз ин ҳол кунам тунду шадид.*

*Озод сари харобаҳо мечарханд,*
*Бозон ҳама бо болу пари боз, башаст.*
*Хуне, ки ба шарёни уқобаш ҷорист,*
*Пиндорӣ, яқин хуни ниёгони ман аст?!*

*Бо ашки ба чашму мижжагон яхбаста,*
*Бо ҷӯши ғурури қалб хомӯшу ниҳон.*
*Ёзед ба чархи дуру беохир даст:*
*– То бод паноҳ Қӯрғонаш ҳар он...*

*Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи* ***ПАЙМОН****.*

# ЁДГОРИҲОИ НОДИРИ ТАЪРИХӢ – КАФИЛИ ФАРҲАНГИ ШОИСТАИ МИЛЛӢ

***Соли 2020 ҷашни яке аз ёдгориҳои бостонии Тоҷикистон – шаҳри қадимаи Саразм доир гардид. Ин чорабинӣ имкон дод, ки маданияти беш аз 5500 солаи аз ҷониби доираҳои илмии ҷаҳон эътирофшударо ба ҷаҳониён ба таври шоиста муаррифӣ созем. Моро зарур аст, ки ёдгориҳои таърихии худро ҳифз кунем, ободгардонем ва ба онҳо ҳамчун ҷузъи таркибии сарнавишти миллати куҳанбунёдамон муносибат намоем.***

Дар солҳои соҳибистиқлоламон зиёда аз 90 ёдгории таърихию фарҳангӣ ва меъморӣ тармиму барқарорсозӣ ва эҳё гардидаанд. Корҳои тармим ва барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ дар Тоҷикистон тибқи «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020» амалӣ гардида, мақсади асосии барнома ба низом даровардан, ҳифзу нигаҳдошт, тармиму барқарорнамоӣ, истифодаи дурусти мероси ғайриманқули таърихию фарҳангии кишвар баҳри баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳию хештаншиносии мардум ва дастраси ҷаҳони муосир гардонидани сарватҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар Тоҷикистон мавзеъҳои табиии Искандаркӯл, Сарез, Гармчашма, Чилучорчашма, Сари Хосор, Ҳафткӯл ва ғайра ба маҷмӯи ёдгориҳои табиат дохил мешаванд. Роҷеъ ба ҳар яке аз ин ёдгориҳо ривоятҳо ҷой доранд, ки онҳо аҳамияти илмӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, эстетикӣ ва тарбиявӣ доранд. Ин гуна мавзеъҳо макони сайёҳӣ буда, диққати сайёҳонро бештар ҷалб месозанд. Вобаста ба гӯшаҳои таърихии Тоҷикистон ҳам яке аз шарқшиносони рус чунин баҳо дод: – «Тоҷикистон – манбаи ёдгориҳои бостониест, ки назираш дар дигар манотиқ камтар ба назар мерасад!»

Ба яке аз ёдгориҳои нодири миллӣ – Аҷинатеппа назаре меафканем, ки он харобаи ёдгориҳои дини буддоии нимаи асри VII ва ибтидоӣ асри VIII милодӣ маҳсуб меёбад. Соли 1959 дар масофаи 3 км аз работи марказии совхози ба номи Кирови водии Вахши имрӯза кашф гардидааст. Дар бобати ин ёдгорӣ бори нахуст соли 1960 ҳафриёти аввалин гузаронида шудааст. Дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ таҳти роҳбарии Б. А. Литвинский ва Т. И. Зеймал мунтазам тадқиқот ба роҳ монда мешавад ва то соли 1973 пурра тадқиқ мегардад. Ин мавзеи таърихӣ бинои росткунҷаест, ки вусъаташ 100Х50 м, буда аз ду қисми мутаносиби бо роҳрав пайваста иборат аст, ки шартан «дайр» ва «маъбад» номида шудаанд. Иморати ҳар як қисми бино аз рӯйи тарҳи иморатсозии чорайвона бино ёфтааст. Бино аз похса ва хишти хом, таққурсиаш хуб ва аз хишти пухта сохта шудааст. Фарши ҳуҷраҳо, рӯйи ҳавлӣ ва девори биноҳои ибодатгоҳ бо хишти пухта рӯйкаш шудаанд. Равоқҳо камбар ва биноҳо гунбазнок будаанд. Дар маркази нимаи «дайр» ҳавлии чоркунҷае ҳаст, ки дар атрофи он ҳуҷраҳо, ибодатгоҳ, толор, биноҳои хоҷагӣ ҷой гирифтаанд. Ҳамаи инро роҳрав байни худ пайвастааст. Ороиши меъмории ибодатгоҳи дайр мураккаб, онро шифту девор нақшу нигор ва муҷассамаҳои бисёр зиннат медоданд. Ҳангоми ҳафриёт пораҳои муҷассамаи калони баландиаш 4 м, ки дар маркази бино воқеъ буд, ёфт шудаанд. Поёни деворҳо, рӯйи суфаҳо ва пояи ҳайкалҳо бо нақшу нигор оро ёфтаанд. Дигар биноҳои дайр, ҳуҷраҳои роҳибон намуди одӣ доранд. Дар яке аз роҳравҳо муҷассамаи дувоздаҳметраи якпаҳлӯ хобидааст. Дар атрофи он муҷассамаҳои хурди буддоӣ ёфт шудаанд. Муҷассамаҳоро аз маводи аҷибе рангубор додаанд.

Яке аз воситаҳои ҳифозати осори гузаштаи ниёгон ин таъсиси мамнуъгоҳҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мебошанд. Бо назардошти ҳифзу нигоҳдошт ва тарғиби таърихи фарҳанги миллати куҳанбунёд ва худшиносии миллӣ, рӯ овардан ба таърихи фарҳанги ниёгони хеш, тармиму эҳё намудани осори фарҳанги гузашта ва арҷгузорӣ ба мероси ниёгон ба ҳисоб меравад. Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар зиёда аз



100 ёдгории таърихию фарҳангӣ ва меъморӣ тармиму барқарорсозӣ ва эҳё гардидаанд. Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки агар барои эҳё ва инъикоси махсуси гӯшаҳои таърихиву ёдгориҳои нодири миллӣ ҳар моҳе як маротиба ҳамоиши илмӣ-фарҳангӣ дар ин хусус доир гардида, мутахассисони ҷавон ба он мавзеҳо равона гарданд, ҷиҳати пешрафту тараққиёт заминаи хубе мегардад.

Яке аз ёдгориҳои бостониву таърихии дигар ин мавзеи Ҳоҷасартез ба шумор меравад. Он минтақа кӯҳи намакест, ки дар ноҳияи Восеи вилояти Кӯлоби пешин, дар ҳудуди 10-12 км ғарбтар аз шаҳри Кӯлоб ва 15 км шимолтар аз ноҳияи Восеъ дар соҳили рости дарёи Яхсу (Ёғсу) воқеъ аст. Яке аз калонтарин гунбазҳои намаки ҷаҳон мебошад. Андозаи гунбази он ба Э9ЭХ11 км баробар буда, баландиаш аз сатҳи баҳр 980 м. ва аз сатҳи водии дарёи Ихсу 400 метрро ташкил медиҳад. Ҷисми намаксанг замбӯруғмонанд аст, ки гунбази он дар рӯйи замин воқеъ гашта, пояш дар асри замин то таҳнишастҳои давраи юраи боло кашол ёфтааст. Ғафсии намаксанг, ки ба воситаи пармачоҳҳо муайян карда шудааст, дар қисми марказии гунбаз ва пояи он ба 2000 м. ва дар канортари гунбаз аз 400 м. то ба 200 м. мерасад. Рӯйи намаксангро (дар гунбаз) қабати гаҷ (ғафсиаш 15—53 м.) ва қисман қабати ҷинсҳои хурде (0-65 м.) пӯшидаанд. Кӯҳи намак чуқуриҳои бисёре дорад. Дар доманаи нишебиҳои шарқӣ ва ҷанубӣ чашмаҳои шӯр мавҷуданд. Дар гузашта мардуми маҳаллӣ аз чашмаҳои шӯри назди деҳаи Кафтархона намак мегирифтаанд. Кони намаки Хоҷасартез захираи ниҳоят калоне дорад. Аз рӯйи таркиб, сохт, пайдоиш ва захирааш намаки ин мавзеъ ба кони намаки Хоҷамӯъмин хеле наздик аст. Кӯҳи намаки Хоҷасартез аз ҷиҳати бузургӣ, баландӣ ва сохти дохилӣ ёдгории геологӣ ҳисобида мешавад.

Бо ин ҳама боигариҳои ноби таърихӣ мо воқеан миллати хушбахту саодатмандем. Моро мебояд, ки ҷиҳати нигаҳдошти ёдгориҳои бостониву таърихӣ хунукназарӣ накарда, дар ҳифзу нигаҳдории онҳо саҳми муассир гузорем.

**Умедҷон АМОНӢ,**
**муҳассили Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

*Бозгашт ба мавзӯъ*

# БА ЧАШМИ ҲАҚИҚАТ ХОК НАПОШЕД!

Зеварос аз деҳкадаҳои хурди кӯҳистонӣ буда, тобеи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Деҳиболо»-и ноҳияи Бойсун аст ва айни ҳол ҳафт-ҳашт хоҷагӣ дорад.

Замоне дар он 15-18 хонавода вуҷуд дошт. Аммо ба далели мушкилоти будубош ва мураккабиҳои зиндагӣ як қисмати онҳо ба ҳамвориҳо кӯч баста, муқими ноҳияҳои Олтинсой, Шӯрчӣ ва Деҳнави вилояти Сурхондарё гаштаанд. Ёдовар мешавем, ки дар шумораи 21 июли соли 2023-юми «Овози тоҷик» бо номи «Дардҳои деҳаи Зеварос ё худ чаро фарзандони як деҳа бемактаб мондаанд?» мақолае ба нашр расида буд. Дар навиштаи мазкур муаммоҳои деҳа аз забони омӯзгорони муқими Зеварос Баҳром Нарзуллоев баён гардида, он ба идораҳои дахлдор, хоса Саридораи таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Сурхондарё, шуъбаи он дар ноҳияи Бойсун ва дигар муассисаҳои мутасаддӣ расонида шуда буд. Аз ҷумла таъкид мешуд, ки як сол боз фарзандони Зеварос аз таълиму тадрис дур монда, волидон ҳайронанд, ки ин мушкилро чӣ хел ҳал намоянд. Мо зимни сафари навбатӣ шоҳид гаштем, ки муаммоҳои дар мақола дарҷшуда то ҳол ҳаллу фасл нагардидаанд. Хадамоти матбуоти Саридораи таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Сурхондарё дар саҳифаи расмии худ дар шабакаҳои иҷтимоии интернет ба он мақола таҳти унвони «Муносибати расмӣ» вокунише нишон дода, ба як маънӣ, ба чашми «ҳақиқат» хок пошидааст. Саридораи мазкур бино ба маълумоти шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Бойсун менависад, ки «имрӯз дар деҳаи Зеварос 8 нафар бачагони синни мактабӣ истиқомат мекунанд. Дар деҳа филиали мактаби рақами 19 вуҷуд дошт. Бинои он бо роҳи ҳашар сохта шудааст. Ин филиал ба сабаби ба талаботи мактаб ҷавобгӯ набудан мувофиқи қарори рақами 372-8-110 О, / 22-юми ҳокими ноҳияи Бойсун 17 августи соли 2022 баста шудааст».

Дар номаи расмӣ таъкид мешавад, ки 8 нафар хонанда 3-4 километр роҳро тай карда, ба мактаби рақами 19 воқеъ дар маҳаллаи Деҳиболо мераванд. «Бо таҳсил фаро гирифтани хонандагон ва иштироки мунтазами онҳо дар дарсҳо аз ҷониби шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳия пурра ба назорат гирифта шудааст».

Ин ҷо ба дурӯғи маҳзе роҳ додаву нависандагони ин «Муносибати расмӣ» расман эътироф кардаанд, ки дар ҳуҷҷатҳо хонандагон пурра дар дарсҳо иштирок доранд ва дар ин бора ягон мушкил вуҷуд надорад. Аммо сокинони Зеварос мегӯянд, ки як соли дароз фарзандонашон бетаҳсил мондаанд ва роҳи душвор онҳоро водор кард, монеи ба дабистон рафтани онҳо шаванд. Аммо дар «Муносибати расмӣ» омада, ки «Ба туфайли таъмирталаб будани роҳ ба рафтуои хонандагон каме душворӣ пеш меояд».

Охир, дурӯғ ҳам ҳад дорад! Мо ба чашми сар дидем, ки «роҳ» таъмирталаб не, балки аслан вуҷуд надорад. Агар онҳо як пайроҳа ва харроҳаро дар назар дошта бошанд, он чӣ хел ба таъмир ниёз дошта метавонад? Боз навиштаанд, ки «Дар зудтарин фурсат ин мушкилро ҳал мекунанд».

Ба таъкиди сокини деҳа Камолиддин Қурбонов, агар ба мактаби зикршуда тафтишгар ояд, онҳоро маҷбур мекунанд, ки фарзандонашонро ба чӣ роҳе набошад, ба мактаб расонанд. Рӯзҳои дигар волидон намехоҳанд, ки фарзандонашон ба ин роҳи пурхатар бароянд ва ба дарсҳо ҳозир шаванд.

Шикояти мардуми Зеварос аз ҳақиқат дур нест. Мо худ таҷриба кардем ва бо чашмонамон дидем. Касро он чиз дар ҳайрат мегузорад, ки чаро ҳокимияти ноҳияи Бойсун филиали мактабро бо қарори худ бастааст? Он синфхона ба талаботи «замонаи нав» ҷавоб надиҳад ҳам, вайро метавон бо андаке таъмир ба ифоқа овард. Ё барои як ноҳия сохтани синфхонаи замонавӣ душвор аст?!

Ба фикри мо, ҳалли мушкил яктост: Боз намудани филиали зеваросии мактаби рақами 19-уми ноҳияи Бойсун! Охир, то кай фарзандони мардум бе таҳсили илм монанд?! Унвони соли 2023-ро, ки аз ҷониби Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев эълон шудааст, бори дигар ба хотир оваред: – «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат!» Оё аз байн бардоштани филиали зеваросии мактаби рақами 19-уми ноҳия ба унвони соли равон мутобиқат мекунад?!

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*



*Мувофиқи Барномаи давлатӣ оиди ба амал баровардани Стратегияи рушди Ӯзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 дар «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» баргузор гардидани ҷашнвораи занону духтарон «Бонуи асри XXI» дар саросари мамлакат таҳти шиори «Зани илмнок – оинаи ҷамъият» ба нақша гирифта шудааст.*

*Дар вилояти Сурхондарё низ ин ҷашнвора бо савияи баланд ташкил карда шуд. Озмун-азназаргузаронии «100 нафар зани ихтироъгари ҳудуд» барои занону духтароне, ки дар самтҳои гуногун фаъолият мебаранд ё таҳсил менамоянд, барои нишон додани иқтидорашон майдони калон қарор гирифт.*

***Дар сурат:** лавҳа аз озмун-азназаргузаронӣ.*

***Суратгир:***
***Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).***

# САД ҶОНУ ДИЛ ФИДОИ МОДАР

(Аввалаш дар саҳ. 3).

Воқеан, модар мисли Замин яктост ва меҳру муҳаббату дасти раҳмату шафқати ӯ бар сари фарзанд сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳо.

Лозим ба таъкид аст, ки дар олами илму адаб эҷоди модарномаҳо ё худ ситоиши модарон роиҷ аст ва ҳар кадом дорои мавқеи муносиб ва рангу тароватӣ ба худ хосанд.

«Бузургони олам аз қадим то ба имрӯз раҳму шафқат, фазилату порсоӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, заҳмату бедорхобиҳои модарро ситоиш мекунанд ва ба номи покаш ҳамду сано мехонанд. Вале тамоми ҳамду сано, таърифу ситоиш дар васфи модар бо ҳама тобишҳои хеш кӯчактарин заҳматеро, ки модар барои фарзанд кашидааст, ба таври комил ифода карда наметавонанд, зеро бузургию шаҳомати Зан-Модар, пеш аз ҳама, бар мабнои рисолати ҳаётбахши ӯ устувор буда, ҳатто сухани бузургони олам дар тасвири мукаммали тамоми ҷузъиёти он оҷиз мемонад», – гуфта мешавад дар сарчашмае.

Тамоми бузургони олам аз дасти дуои модар баракат ёфтаанд ва маҳз ба сифати қадршиносию эҳтиром тамоми умр модаронро дар осору эҷодашон васф кардаанд.

Дар фарҳанги мо мақоми модар басо баланд аст. Ин сухани паёмбари ислом Ҳазрати Муҳаммад (с)-ро, ки «Биҳишт зери пойи модарон аст» мегӯяд, Низомии Ганҷавӣ чунин ба риштаи назм кашидааст:

*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ низ мисраъҳои зерро дар таъкиди ин матлаб гуфтааст:

*Сар зи модар макаш,*
*ки тоҷи шараф,*
*Гарде аз роҳи модарон бошад.*
*Хок шав зери пойи ӯ, ки биҳишт,*
*Дар қадамҳои модарон бошад.*

Мирзо Бедил «тифлию домони модар»-ро ба биҳишт ташбеҳ карда:

*Тифлию домони модар хуш*
*биҳиште будааст,*
*То ба пойи худ равон гаштем,*
*саргардон шудем.*

Модар тоҷи офариниш аст. Ӯ ҳатто пас аз марг ҳам муқаддастарин мавҷуди зиндаи ҷаҳон боқӣ мемонад. Яъне пас аз сари модар низ, кас дар ҳар кореву ҷое, ки дар бимонад, «модар» мегӯяд, ӯро ҳамчун як инсони зинда ба имдоду ҳамдардӣ мехонад, аз насиҳатҳои модар, пас аз вафоташ ҳам, кушоиш металабад, баҳра мебарад.

Мо, фарзандон, дар зиндагӣ ҳеҷ гоҳ наметавонем муҳаббате беҳтар ва ҳақиқиву самимитареро аз муҳаббати модари худ пайдо бикунем.

Модар на танҳо азизтарин шахс барои ҳар фарзанд, балки гаронбаҳотарин сарвати ҳар халқу миллат аст. Бинобар ин, башарият имрӯз, аслан ба ҷомеае арҷ мегузорад, ки дар он мақому манзалати зан, ба хусус модар гиромист.

Модари ман аз онҳоест, ки бо матонату ҷасорат баҳри насли ояндасози миллат – моро ба воя расонида, то ба имрӯз рисолаташро аз даст надодааст, якҷо бо падари зиндаёдам бо назокату нафосати хосаш дар ҷомеа баробар хизмат кардааст. Барои ташаккули ҳамаҷонибаи мо тамоми ҳастиашро бахшидааст, то фарзандонаш бонангу номус бошанду номи худу волидайну гузаштагони азизи хешро боло бардоранд.

Меҳоҳам тамоми хусусиёти беҳтаринаш (меҳнатдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, камгапӣ, хоксорӣ, бурдборӣ, хастагинопазирӣ, фурӯтанӣ, шукргузорӣ)-ро дошта бошам. Бо ин мақсад зиёд рӯ ба рӯяш меҳоҳам бинишинам, ҳамсуҳбат шавам, ба чеҳраи нурониаш нигоҳ кунаму аз қалби беолоишаш маънӣ бубарам.

Гоҳ-гоҳ фарзандон пешаш ҷамъ меоем. Дар асл барои зиёраташ меоем, аммо ноогоҳона ба вай навбат надода, суҳбати мо – додару хоҳарон тафс пайдо мекунад ва дуру дароз саргарми баёни масоилу муаммоҳои рӯзгори худ мегардем. Ба ӯ барои сухан гуфтан тақрибан имкон намедиҳем. Мебинам, ки модаракам аз ин рафтори мо намеранҷад, нороҳат намешавад, баръакс суҳбатамонро халалдор накарда, орому батамкин гӯш мекунад. Ҳатто лаззат мебарад. Шояд меболаду хотирҷамъ аст, ки фарзандонаш тавони ҳамдигарро гӯш кардан доранд, бо ҳам забон меёбанд ва роҳҳои ҳалли масъалаҳоро якҷо меҷӯянд. Имкон медиҳад, ки дар муҳокимаҳо озод бошем.

Дар кадом сарчашмае хонда будам: – Модар – ту дар рӯйи Замин ягона офаридгорӣ, ки шояд худошиносон инро намедонанд...

Пур гуфтам, аммо, фикр мекунам, боз ҳам суханҳои беҳтарини дилро натавонистам баён кунам, хеле гуфтаниҳоям нагуфта монданд. Амалан ба таъкиди худат – Модарҷон, ки «бо пургӯии хеш мардумро хаста накунед, аз беҳудагӯӣ бипарҳезед» мегӯӣ, ҳамин ҷо бо ин нукта иктифо мекунам.

Эй мавҷуди маҳбубам, бояд бигӯям, ки:

Хоҳем-нахоҳем зиндагии мо дар ин ҷаҳон поён хоҳад ёфт. Агар аз неъмати онҷаҳонӣ умеде дошта бошем, пас бояд шитобем қарзи асоситарини инҷаҳонии хеш, яъне 80 қарз (40-тои он ҳангоми ҳаёт будану 40-тои баъд аз реҳлат)-и назди волидайн доштаро ба пуррагӣ адо намоем.

Пас, сад ҷону дил фидои Модар бод!

**Амина ШАРОФИДДИНОВА,**

*САМАРҚАНД.*

# РӮЗҲОИ ФАРОМӮШНОПАЗИР ДАР ЗОДГОҲИ ШАЙХ КАМОЛ

***Ба наздикӣ 70-солагии шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд таҷлил гашт. Бо ҳидояти сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон чанд тан адибону журналистони ӯзбекистонӣ барои иштирок дар ин чорабинии фарҳангӣ ба вилояти Суғд рафта буданд.***

Дар тантанаҳо аз шаҳри Тошканд, вилоятҳои Фарғона ва Самарқанд низ намояндагон иштирок карданд.

Тошканд ва Хуҷанд, ки дар «ҳамсоягӣ» ҷойгиранд, аз қадим бародаршаҳранд. Нармшавии муносибатҳо байни ду давлат, ки бар муроди дили мост, равуоҳоро барқарор намуд. Бо ташаббуси Ҳукумати мо дар ноҳияи Спитамени вилояти Суғд муассисаи таълими умумӣ барои 630 нафар донишандӯз барпо карда шуд. Самарқанд, айни замон, бо Хуҷанд ҳамкориҳои бисёрҷониба ба роҳ гузоштааст. Дар дабистоне, ки Ҳукумати Тоҷикистон дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд бунёд намудааст, 640 нафар хонандагон таҳсил менамоянд. Назар ба маълумотҳо, ҳоло дар муассисаҳои таълими олии Тоҷикистон 4609 нафар шаҳрвандони Ӯзбекистон таҳсил менамоянд. Чанде пеш чанд нафар устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ба Фарғона рафта, дар шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳ лексияҳо хонданд. Дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бошад, даҳҳо ӯзбекистониён, дар мактабҳои олии Ӯзбекистон, аз ҷумла, аз вилояти Суғд таҳсил менамоянд.

Имрӯзҳо равобит байни иттифоқҳои нависандагону журналистони Ӯзбекистону Тоҷикистон низ мазмуни тоза касб кардааст. Дар Суғд, ки аз калонтарин вилоятҳои ҷумҳурии ҳамсоя аст, ташкилоти калони адабие мавҷуд, ки 70-солагии худро ҷашн гирифт.

Дар ҳамоише, ки ба ин муносибат дар театри мазҳака ва мусиқии ба номи Камоли Хуҷандӣ доир гардид, раиси вилояти Суғд, муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси миллии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода, раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Низом Қосим, аҳли илму адаб, донишҷӯён ва устодону профессорони ДДОХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иштирок намуданд.

Чорабиниро раиси шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон Аҳмадҷони Раҳматзод кушод. Шоиру нависандагони маъруфи тоҷикро, ки аз шаҳрҳои Душанбеву Кулоб омадаанд, хайрамақдам гуфта, ба намояндагӣ аз Ӯзбекистон, ки байнашон нависандагон Нуралӣ Қобул ва Шойим Бӯтаев буданд, арзи эҳтиром намуд.

Раҷаббой Аҳмадзода ҷамъомадагонро, ки алоқаманди адабу эҷод буданд, ба муносибати 70-солагии шуъбаи суғдии Иттифоқи нависандагон муборакбод намуд. Вай, аз ҷумла, қайд кард, ки вақте 70 сол қабл аз ин шуъба ташкил шуд, ҳамагӣ 5 аъзо дошту халос. Нависандаи номии тоҷик Раҳим Ҷалил барои муттаҳидсозии қувваҳои адабӣ дар вилоят фидокорӣ намуд. Қариб ҳамаи эҷодкороне, ки гирдаш ҷамъ омадаву аз ӯ таълим гирифтаанд, тавфиқ ёфтаанд, шоиру нависандагони машҳур шуданд. Ҳоло аъзои бахши суғдии он ба 70 нафар расидааст. Дар давоми 70 соли мавҷудияти хеш ин шуъба як идда аҳли қаламу эҷод ва суханвару суханшиносонеро дар канори хеш парварид ва камол бахшид, ки имрӯз чун устод дар роҳи равнақу ривоҷи адабиёти муосири тоҷик ҳиссаи худро мегузоранд, гуфт Р. Аҳмадзода ва илова намуд, ки аҳли сухани кишвар аз суханони ҳидоятгаронаи роҳбари давлат дар ҷодаи муқаррар намудани рисолати аҳли адаб баҳраҳои фаровоне бардошта, дар шинохти мақоми кунунӣ ва ҳадафҳои ояндаи адабиёт чун воситаи асосии тарбияи маънавии насли наврас дар замони ҷаҳонишавӣ ва мураккаби дунёи муосир ташаббусҳои нек зоҳир менамоянд.

Раиси вилоят айни ҳол номи бузургмардони олами адабро бо эҳтиром зикр кард ва гуфт, ки бузургтарин шоиру нависандагони оламшумулро модари ин миллат тарбия намуда, ба арсаи ҷаҳон баровардааст. Аз устод Рӯдакиву Ҳаким Фирдавсӣ, Мавлоно Балхиву Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофизу Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷомию Мирзо Бедил то ба устод Лоиқ Шералӣ, Мӯъмин Қаноат, Гулрухсору Фарзона ба хазинаи адабиёти ҷаҳон дурру гавҳарҳои бебаҳо ҳадя кардаанд.

Дар баробари саъю ҳаракати Нависандаи мардумии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил боз як фарзанди фарзонаи халқи мо, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар таъсис ва фаъолияти шуъбаи суғдӣ хидмати шоиста кардааст. Дар солҳои аввали таъсисёбии шуъба адибони номвар Муҳиддин Аминзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муҳиддин Фарҳат ва Абдумалик Баҳорӣ, ки зода ва парвардаи Хуҷанданд, дар навбати худ, самаранок эҷод ва қаламкашони нисбатан ҷавонтарро гирди худ ғун карданд. Дере нагузашта Ҳоҷӣ Содиқ, Абдуҷалил Воситзода, Аъзам Сидқӣ, Пӯлод Толис барин истеъдодҳои тоза ба сафи онҳо ҳамроҳ шуданд.

Муҳити адабии Хуҷанд, ҳамчунон, Озод Аминзода, Қурбон Алӣ, Ғуфронҷон Рустамов, Маҳкам Пӯлод барин истеъдодҳоро тарбия намуд ва онҳо самаранок эҷод карданд.

Тавре дар ҷамъомад қайд гашт, дар чанд соли охир бо эҳтимоми бахши суғдии ИНТ даҳҳо маҷмӯаҳои назмию насрии эҷодкорони вилоят, аз қабили Муқим Воҳид, Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Ӯрунбой Усмон, Адибаи Хуҷандӣ, Гулноз Тоҳириён, Баҳром Мирсаид, Эгамназар Соҳибназар, Анварбек Абӯнаср, Баҳроми Раҳматзод аз чоп баромад. Айни замон китобҳои илмии Неъматҷон Файзуллоев, Матлубаи Мирзоюнус, З. Улмасова ва дигарон рӯйи нашр дид.

Маҷмӯаҳои дастҷамъии адибони ҷавони ноҳияҳои Ашт, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Истаравшан ва Панҷакент ҷомаи табъ ба бар карданд.

Назар ба маълумотҳо, танҳо дар давоми даҳ соли охир бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд зиёда аз 150 номгӯй асарҳои адибон ба дасти ҳаводорони каломи бадеъ расидааст.

Адибони хуҷандӣ зуд-зуд вохӯриҳо ташкил менамоянд, таҳкими сулҳу субот ва арзишҳои фарҳанги миллиро фаъолона тарғиб мекунанд.

Дар навбати худ раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Шоири мардумии Тоҷикистон Низом Қосим аҳли эҷоди вилоятро таҳният гуфт, ба корҳои минбаъдаашон барорҳо хост. Ва ӯ зимнан мужда расонд, ки соли оянда Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон 90-сола мегардад.

Хушоянд боз он, ки эҷодкорон дар Суғдзамин муносиб рағбатонида мешаванд. Ба ҳар як узви Иттифоқи нависандагон ҳар моҳ 200 сомонӣ кумакпулӣ дода мешавад.

Дар доираи чорабинӣ, зимнан, тақдирнамоии аҳли эҷод ба иштирокдорон рӯҳбаландии дигар бахшид. Эҷодкороне, ки дар тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ ва инсонпарварӣ, рушди адабиёти муосир ва фарҳанги миллӣ, тараннуми дастовардҳои даврони истиқлол саҳм гузоштаанд, бо Сипосномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят сарфароз шуданд.

Ҳамчунин ба гурӯҳи калони адибон «Нишони сухан», Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ, Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода, Ҷоизаи адабии ба номи Раҳим Ҷалил, Ҷоизаи махсуси ба номи Маҳастии Хуҷандӣ ифтихорномаҳои ИНТ ва шуъбаи суғдии он супурда шуд.

Дар байни мукофотгирифтагон Озараҳш, Ғайрат Ҳакимов, Муҳсин Аминзода, Маъруф Бобоҷон, Додохон Эгамзод, Адибаи Хуҷандӣ ва дигар адибон буданд, ки номи онҳо аз дер бароямон ошност.

Дар доираи чорабинӣ вохӯриву суҳбатҳои намояндагон аз Ӯзбекистон бо адибони шинохтаи тоҷик Ҳақназар Ғоиб, Абдулҳамид Самадов, Камол Насрулло, Аҳмадҷон Раҳматзод, Равшани Махсумзод, Сироҷиддин Икромӣ, Алиакбар Абдулло ва дигарон хотирмон сурат гирифт. Рӯзи дувуми сафар бо донишҷӯёни риштаи филологияи тоҷики ДДОХ мулоқот оростем. Хусусан, пазироии гарми устодони донишгоҳ Саидимрон Саидов ва Матлубаи Мирзоюнус таассуроти хуб гузошт. Вохӯрӣ бо донишҷӯёни шуъбаи филологияи ӯзбеки ҳамин донишгоҳ бо иштироки Н. Қобул ва Ш. Бӯтаев дар рӯзи дигари сафар ба вуқӯъ пайваст. Дидан кардан аз осорхонаи Хоҷа Камол, дар як вазъи ҳаяҷонбахш гулгузорӣ ба пояи муҷассамаи муҳташами Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар назди кохи фарҳанг (дар сурат) дар дилу хотири мо нақши равшан гузошт.



Шоистаи зикр аст, ки дастпарварони ин минтақа дар нахустин солҳои нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» тақдири худро бо ин нашрияи овозадор пайвастаанд ва рӯзномаву хонандагони он аз хидмату осори илмиву адабӣ ва иҷтимоии Бобоҷон Ғафуров, Аъзам Сидқӣ, Разиюлло Абдуллозода, Суҳайли Ҷавҳаризода, Шавкат Ниёзов баҳраҳо бурдаанд. Аз ҷумла Аҳмадҷон Раҳматзод, ки вазифаи раиси Иттифоқи нависандагонро дар вилояти Суғд ба ӯҳда дорад, аз даврони ҳамкориҳояш бо «Овози тоҷик» чунин ёдоварӣ менамояд:

– Соли 1975 буд, ки ман пас аз хатми донишкада дар ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон дар мактабе аз забону адабиёти тоҷик дарс мегуфтам ва ба муносибати Рӯзи Ғалаба – 9 Май дар «Ҳақиқати Ӯзбекистон» озмун эълон гардид, ки бо чанд шеърам ман аз ғолибони озмун гардида, бо ҷоиза сарфароз шудам.

Мисли ҳамин чунин ҳамкорӣ байни «Овози тоҷик» ва қаламкашони ин минтақаи шимоли Тоҷикистон ҳамеша зиёд буд ва орзуҳое низ иброз гардиданд, ки ҳамин гуна ҳамрешагӣ дубора ба роҳ гузошта шавад, зеро барои ин алҳол тамоми шароит – аз иродаи сиёсии роҳбарони ҷумҳуриҳо то хоҳишу изни аҳли қалам мавҷуд аст.

**Муҳаммадҷон ШОДИЕВ,**
**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигорони «Овози тоҷик».**

*ТОШКАНД – ХУҶАНД – ТОШКАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадей, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125.
Адади нашр 4543. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.